«Тасдиқ мекунам»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

д.и.х, профессор Насриддинзода Э.С.

______________________________

30 09 ______________ 2024 с.

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Восидиён Фарҳод Саъдулло унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.01.01- Назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) ба ҳисоб меравад.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) (5-аъло), суртаҷаласаи №4 аз 15.11.2023), таърих ва фалсафаи илм (4-хуб), суртаҷаласаи №57 аз 15.03.2024), имтиҳони номзадиро аз ихтисоси 08.00.01-Назарияи иқтисодӣ (5-аъло), суртаҷаласаи №1 аз 04.09.2024) дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супоридааст.

Роҳбари илмӣ Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид-муовини якуми Вазири рушди иқтисод ва савдо, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29.10.2021 №03 мавзуи унвонҷӯй аз руйи ихтисоси (08.00.01.01- Назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) бо номи «Мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**1. Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзӯи «Мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар шароити ноустувори вазъи геосиёсии ҷаҳон, бахусус пешгӯинашаванда будани он, низоъҳои тиҷоратӣ, таҳримҳо нисбат ба шарикони асосии тиҷоратии кишвар, ноустувории бозорҳои ҷаҳонӣ, тағйирёбии иқлим ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Муаллиф бори аввал дар кишвар ба ин масъала аз нигоҳи илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, банақшагирии стратегиро ҳамчун унсури муҳимми идоракунии равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ арзёбӣ намудааст. Инчунин муаллиф таҳқиқоти илмии худро бо забони давлатӣ дар сатҳи баланд навиштааст ва он кори анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Аз раванди муҳокимаронӣ ва тақризҳои пешниҳодгардида бармеояд, ки мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳодҳо ва хулосаҳои муаллиф асоснок карда шудаанд.

**2. Робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳо.** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ҳадафу мақсадҳои дар паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва дигар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратеги муайяншуда робитаи бевосита дошта, роҳандозии натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда барои иҷрои саривақтӣ ва сифатноки онҳо мусоидат менамояд. Инчунин кори имлӣ ба нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ барои солҳои 2021-2025 алоқамандӣ дорад.

**3. Истифодабарии натичаҳои таҳқиқот дар амалия.** Муқаррароти назариявии дар диссертатсияи пешниҳодшуда дар раванди такмили низоми банақшагирии стратегӣ, бахусус ҳангоми таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ”, инчунин тартиби бақайдгирии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ истифода гардидаанд (санади татбиқ аз Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.09.2024 сол. №02-42). Муқаррароти алоҳидаи он ҳангоми гузаштани дарсҳо аз фанни “Менеҷменти стратегӣ”, “Назарияи иқтисодӣ” дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода мешаванд.

**4. Муҳиммияти иҷтимоии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки роҳандозии низоми дурусти банақшагирии стратегӣ барои таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум мусоидат менамояд.

**5. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ -** омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-методологии низоми банақшагирии стратегӣ, вазъи истифодабарӣ ва арзёбии самаранокии иқтисодию иҷтимоии он, нишон додани роҳҳо ва самтҳои мукаммалгардонии минбаъдаи банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**6. Навгониҳои илмии рисола** ба таҳлили асосҳои назариявӣ, методӣ ва институтсионалии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ равона гардидааст. Аҳаммияти низоми банақшагирии стратегии кишвар дар самти ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардида, самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити муосири иқтисодиёт, инчунин омода намудани пешниҳодҳо ҷиҳати рушди минбаъдаи низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодиро дар бар мегирад.

**Натиҷаҳои нисбатан муҳимми аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ бадастомада дар самтҳои зерин ифода ёфтаанд:**

- Дар асоси таҳлили таҳаввулоти назария ва амалияи раванди банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва низоми он, ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи мазкур гуруҳбандӣ гардида, тавсифи муаллифии он пешниҳод гардидааст, ки дар он он «Низоми банақашагирии стратегӣ – раванди таҳлили маҷмӯии аз ҷиҳати илмӣ асоноккушудаи ҳадафу афзалиятҳои дарозмуҳлат ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо мебошад, ки захираву имкониятҳои мавҷуда ва хавфҳои эҳтимолиро барои таъмини рушди устувори давлат, минтақа, соҳа ва корхона ба инобат мегирад.»

- Дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии низоми банақшагирии стратегӣ муайян карда шуд, ки самаранокии он бояд ба меъёрҳои зерин, аз ҷумла мутобиқшавӣ, устувории дарозмуддат, ҳадафмандӣ, рақобатпазирӣ асос ёбад ва ин барои қабули қарорҳои устувор мусоидат карда, дар шароити тағйироти доимӣ устувории макроиқтисодӣ дар кишвар таъмин мегардад.

- Бо истифода аз усулҳои мухталифи таҳлили иқтисодӣ арзёбии низоми банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, марҳилаҳои ташаккулёбӣ, хислати рушди низом, дарккунии иштирокчиёни раванди банақшагирии стратегӣ ва ҳолати кунунии он тавсиф дода шудааст.

- Асосҳои методологии ташаккули муҳити институтсионалии низом ва раванди мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ, минтақавӣ таҳқиқ гардидаст, ки дар он нақши давлат ҳамчун ҳамоҳангсоз байни иштирокчиёни ин раванд муҳим ифода гардидааст.

- Аҳамияти низоми банақшагирии стратегии кишвар дар самти ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ арзёбӣ ва асоснок карда шуд. Барқароршавии вазъи иқтисодӣ баъди соҳибистиқлолии кишвар

мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дастовардҳои иқтисодӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ таҳлил карда шудааст.

- Дар асоси истифода аз усули моделсозӣ дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Тоҷикистон аз рӯи сенарияи воқеӣ, бухронӣ ва шиддатнок таҳия гардида, омилҳои ба рушди иқтисодию иҷтимоию таъсиррасонанда гурӯҳбандӣ ва муайян карда шуда, асоснок карда шудааст, ки такмили низоми мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар кишвар ниҳоят муҳим аст.

**7. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф зарурати низоми банақшагирии стратегӣ дар самти таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ соснок карда шудааст.

**8. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки асосҳои назариявӣ, методологӣ ва институтсионалии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити муосири иқтисодӣ аз нигоҳи нав, яъне рушди низоми банақшагирии стратегӣ арёбӣ ва пешниҳод шудааст.

**9. Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки хулосаву пешниҳодҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро мақомоти дахлдори давлатӣ дар самти такмил додани механизми амалигардонии пурраи низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, муосиргардонии самтҳои стратегии соҳа, таҳияи стратегияи нави соҳа истифода бурда метавонанд.

**10. Усулу тарзҳои таҳқиқоти илмиро** усулҳои гурӯҳбандии оморӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон, инчунин таҳлилҳои шариконии рушд ташкил додаанд.

**11. Асосҳои методии таҳқиқотро** принсипҳо ва усулҳои такмили низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ташкил додааст. Методи таҳқиқот ин пеш аз ҳама истифодаи усулҳои таҳлил ва синтез, моделсозии математикӣ, усули таҳлили графикӣ ва коркарди маълумотҳо оид ба низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодиро дар бар мегирад, ки дар таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ таҳия шудаанд.

**12. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

- Заминаҳои назариявии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, моҳияти он ва гурӯҳбандии ақидаи олимон дар таъмини иқтисоди миллӣ.
- Нуқтаи назари муаллиф оид ба мафҳуми низоми банақшагирии стратегӣ - раванди таҳлили маҷмӯии аз ҷиҳати илмӣ асоноккушудаи ҳадафу афзалиятҳои дарозмуҳлат ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо мебошад, ки захираву имкониятҳои мавҷуда ва хавфҳои эҳтимолиро барои таъмини рушди устувори давлат, минтақа, соҳа ва корхона ба инобат мегирад.
- Усулҳо ва роҳҳои рушди низоми банақшагирии стратегӣ дар кишварҳои пешқадами ҷаҳон ва минтақа ва қиёси он бо кишвар.
- Вазъи кунунии низом ва раванди гузаронидани мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ, инчунин тавсияҳои мушаххас баҳри такмили низоми мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ.
- Аҳамияти низоми банақшагирии стратегии кишвар дар самти ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ.
- Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Тоҷикистон аз рӯи сенарияҳои воқеӣ, бухронӣ ва шиддатнок.

**13. Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии (КАО) назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 08.00.01 - «Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01- Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ мувофиқат мекунад: қисми 1.1. «Иқтисоди сиёсӣ»: қонуниятҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳон ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои иқтисодии миллӣ – давлатӣ; ҳамбастагии равандҳои иқтисодию сиёсӣ дар сатҳи миллию давлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ва оқибатҳои он; ташаккули сиёсати иқтисодии (стратегия) давлат; қисми 1.3. «Назарияи макроиқтисод»: назарияи рушди иқтисодӣ; назарияи даврахои иқтисодӣ ва бухронхо; назарияи мувозинати макроиқтисодӣ; назарияи идоракунии низомҳои иқтисодӣ. Ҷанбаҳои иқтисодии пешрафти илмию техникӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои равандҳои макроиқтисодӣ, сиёсати макроиқтисодӣ: самтҳои асосӣ ва вижагиҳои рафтори он; қисми 1.4. «Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ»: назарияи таҳаввулотии пешравии иқтисодӣ; назарияи иқтисодиёти гузариш ва шаклдигаркунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ; интихобҳои иҷтимоию иқтисодӣ.

**14. Давраҳо ва пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таи солҳои 2021-2024 таҳия гардидааст.

Тамоми навгониҳое, ки дар диссертатсия ворид гардидаанд ба талаботҳои шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 08.00.01.01- назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) мутобиқат менамоянд.

Вобаста ба мавзуи тадқиқот 11 мақолаи илмӣ ва илмӣ-методӣ, иборат аз 7,3 ҷузъи чопӣ (дар яккамуаллифӣ ва ҳаммуаллифӣ), аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд.

## Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия

**А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.**

[1-М]. Дастовардҳои иқтисодӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикисон / Восидиён Ф.С.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. Душанбе – 2021. №6 – С. 83 -91. **ISSN 2413-5151**

[2-М]. Арзёбии ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ/ Восидиён Ф.С.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. Душанбе – 2022. №8 – С. 147 -154. **ISSN 2413-5151**

[3-М]. Асосҳои назариявии низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозӣ/ Восидиён Ф.С.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. № 4/2 (50) – С. 108 – 117. **ISSN 2308-054X**

[4-М]. Заминаҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ/ Восидиён Ф.С., Вализода Ш.Ш., Амонов С.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. № 4/2 (50) – С. 97 – 107. **ISSN 2308-054X**

[5-М]. Марҳилаи ташаккули низоми миллии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Восидиён Ф.С., Вализода Ш.Ш.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. Душанбе – 2024. №4/1 – С. 3746. **ISSN 2308-054X**

[6-М]. Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат/ Солеҳзода А.А., Восидиён Ф.С.,// Маҷаллаи илмии Маркази Тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Душанбе – 2024. №3(87) – С. 82-99. **ISSN 2075-9584**

[7-М]. Таҳлили таъсири таҳдидҳои беруна ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Солеҳзода А.А., Восидиён Ф.С.,// Маҷаллаи илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Иқтисодиёти Тоҷикистон. Душанбе – 2024. №3 – С. 18-26. **ISSN 2310-3957**

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд.**

[8-М] Самараи тадбирҳои зиддибуҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон / Восидиён Ф.С.// Маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон – ш. Душанбе: Бонкдорӣ, Тараққиёт, Ҷаҳонишавӣ, апрел-июни соли 2022. – С. 49-54.

[9-М]. Ташаккули низоми мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/Солеҳзода А.А., Восидиён Ф.С.,// Маҷаллаи илмии Маркази Тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. Душанбе – 2024. №3(11) – С. 87-96. **ISSN 2790-3567**

[10-М]. Восидиён Ф.С. Банақшагирии стратегӣ ва самтҳои такмили он тибқи таҷрибаи байналмилалӣ [Матн]/ Ф.С.Восидиён // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити рақамикунониии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Душанбе, 24.10.2024). – Душанбе: Нашриёти «Соҳибкор», 2024. – С. 72-81.

[11-М]. Восидиён Ф.С. Таҷрибаи байналмилалӣ дар самти банақшагирии стратегӣ ва такмили низоми миллӣ [Матн]/ Ф.С.Восидиён // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Менеҷменти асри XXI: мушкилот ва дурнамои рушд (ш.Душанбе, 31.10.2024). – Душанбе: Нашриёти «Соҳибкор», 2024. – С. 330-339.

## ҚАРОРИ ҶАЛАСАИ КУШОДИ КАФЕДРАҲОИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ ВА КОРИ БОНКИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

1. **Диссертатсияи илмии Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи** «Мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз руйи ихтисоси 08.00.01.01- Назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ), ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.
2. **Диссертатсияи илмии Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи** «Мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.01.01- Назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ), пешниҳод шудааст, ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя тавсия карда шавад.

Назорати қарори мазкур ба зиммаи мудири кафедраи «Назарияи иқтисодӣ» вогузор карда шавад.

Диссертатсияи илмии Восидиён Фарҳод Саъдулло дар ҷаласаи кафедраи «Назарияи иқтисодӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21-уми сентябри соли 2024, суратҷаласаи №2 муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедраи "Назарияи иқтисодӣ"- и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (с/м№2, аз 21.09.2024) иштирок намуданд: – 14 нафар. Ҳуқуқи овоздиҳӣ дошт: – 12 нафар. Барои пешниҳод ба Шӯрои диссертатсионӣ аз руйи ихтисоси 08.00.01.01- назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) овоз доданд: тарафдор –12 нафар; зид –нест; Бетараф –нест.

**Раисикунанда:**
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
назарияи иқтисодии ДМТ, н.и.и., дотсент **О.Н. Раҳимов**

**Котиби ҷаласа:**
Дотсенти кафедра, н.и.и. **С.А. Юсупов**

Имзои Раҳимов О.Н. ва Юсупов С.А.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ
"30" 09 2024 с. **Э.Ш. Тавқиев**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ